# ТАҚРИЗ

## ба автореферати Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович дар мавзуи “Такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Ташаккули низоми мукаммал ва самаранокии андоз муҳимтарин вазифаи давлат ва мақомотҳои он ба ҳисоб меравад. Самаранокии низоми андоз ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ, тартиботи ҳуқуқӣ ва волоияти қонун таъмин намуда, ба таҳкими вазифаҳои ояндаи мамлакат мусоидат менамояд. Дар низоми равандҳои молиявию хоҷагидории давлат истифодаи мафҳуми маъмурикунонӣ зиёд гардидаанд, зеро маъмурикунонӣ унсури асосии раванди идоракунии фаъолияти молиявию хоҷагидоҳои давлатӣ ба ҳисоб рафтааст.

Дар илми иқтисодӣ оиди маъмурикунонии андоз таҳқиқотҳои зиёди олимони ватанию хориҷӣ мавҷуданд, вале мазмун ва моҳияти мафҳуми маъмурикунонии андоз аз нуқтаи назари объекти таҳқиқотии онҳо гуногун шарҳ дода шудаанд. Маъмурикунонии андоз қисми асосии идоракунии давлатӣ ба ҳисоб рафта, раванди истеҳсолоти андозро ба вуҷуд меорад. Умуман, фаъолияти ҷории мақомоти андоз ва даромадҳои андозӣ аз сифати маъмурикунонии андоз вобаста мебошад.

Такмили маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии равандҳои иқтисодиёт, яке аз масъалаҳои муҳими рушди иқтисодиёти давлат буда, таваҷҷуҳи давлатро барои ҳадафманд гардидани рушди нишондиҳандаҳои воқеии иқтисодиёт зарур мешуморад. Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ҳамаи вазифаҳои маъмурикунонии андоз бо мақсади беҳтар кардани сатҳу сифати хизматрасониҳои электронӣ равона гардидааст. Пешравии соҳаи андоз дар пешниҳоди хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва ташкили машваратҳои андозӣ баҳри риояи қонунгузории андоз ба назар мерасад.

Барои такмил ва рушди фаъолияти мақомоти андоз, ҳамзамон рушди маъмурикунонии андоз истифодаи таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ муҳим мебошад. Чунки зарурати гузариш ба иқтисоди рақамӣ на танҳо тағйироти кулиро дар соҳаи андоз балки дар тамоми бахшҳои воқеии низоми муносибатҳои бозорӣ ва иқтисодиёти давлат ба миён овардааст. Ҷорӣ гардидани технологияҳои муосир ва дар ин замина ба вуҷуд овардани

хизматрасониҳои электронӣ дар аввал мушкилоти соҳаҳоро дар иқтисодиёт зиёд менамояд. Бо андешидани тадбирҳои судманд дар ҳамаи самтҳои иқтисодиёт паҳн гардидани хизматрасониҳои электронӣ заминаҳои мусоидро барои беҳтар шудани фаъолияти мақомоти андоз таъмин менамояд.

Мавзуи таҳқиқотии диссертант Исматов А.Ф. аҳамияти илмию амалӣ дошта, бо дар назардошти дар сатҳи муосир ҷавобгӯ намудан такя ба назарияҳои олимони ватанию хориҷӣ ва истифодаи таҷрибаи хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Дар автореферати пешниҳоднамудаи диссертант қайд гардидааст, ки маъмурикунонии андоз унсури асосии идоракунӣ буда, маҷмӯи тадбирҳои фаъолияти мақомоти андоз оид ба таъмини риояи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҷустуҷӯи тарзу усулҳои нави расмиёти соддагардонӣ бо мақсади таъмини стратегияи рушди низоми молиявӣ ва ташкили раванди воридоти андоз, фаҳмида мешавад. (с.11).

Раванди ташкили механизми маъмурикунонии андоз яке аз натиҷаҳои ба даст овардаи навгониҳои муаллиф буда, дар автореферат қайд намудааст, ки ташкили механизми маъмурикунонии андоз бо андешидани чораҳои маъмурӣ ҷиҳати иҷро намудани ӯҳдадории андоз, таъмини вазифаҳои андоз, мустаҳкам намудани интизоми андозбандӣ ва танзимнамоии муносибатҳои андозбандӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун воситаи муҳими тадбиқи сиёсати давлатии андоз ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи методологӣ бошад, механизми маъмурикунонии андоз пеш аз ҳама, ба низоми андози зудамал, ки дар шакли механизми қавие, ки ба дигаргунисозиҳои зудивазшавандаи дохилӣ ва берунӣ алоқаманд аст. (с.14).

Ҳангоми таҳқиқи рисолаи илмӣ, муаллиф таҳлили вазъи имрӯзаи хизматрасониҳои электронӣ, беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳои электронӣ, баланд бардоштани эътимоднокии андозсупорандагонро ва ғайраро, ки аз натиҷаҳои хусусиятҳои навгонидоштаи таҳқиқоти илмӣ иборат мебошад, дар рисолаи илмӣ ошкор намудааст.

Ҳамеша дар назария ва амалияи корҳои таҳқиқшаванда бартариятҳо ва норасоиҳо мушоҳида мешаванд. Қайд намудан ба маврид аст, ки паҳлуҳои навоваронаи мавзуи интихобнамудаи муаллиф хеле васеъ буда, барои хубтар дарк намудани он бисёр хуб мешуд дар оянда методикаи таҳлилро зиёд намудан ба манфиати кор аст. Эродҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, ҳамчун

пешниҳод барои хуб ва васеъ шудани таҳқиқот оварда шуда, онҳо ислоҳшаванда мебошанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмуъ, чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти илмӣ ба талаботҳои б. 31, 33, 34, 35 ва дигар муқаррароти “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, Исматов Абдулҳафиз Фазлидинович сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Мукарриз:**
дотсенти кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи Славянии Тоҷикистон
ва Россия Миразизов А.Ҳ.

**Имзои Миразизов А.Ҳ. - ро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.

(Суроға: 734025, ш. Душанбе, кучаи М. Турсунзода, 30, Тел: (+992) 907-76-71-20, E-mail: mirazizovabdullo@rambler.ru)

Сана: 25 11 2024с.